**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи Бобоева Барно Рауфовна дар мавзӯи “Ҷойгоҳи матбуоти ҳизбӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистони соҳибистиқлол”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 –Журналистика пешниҳод шудааст.**

Рисолаи илмии Бобоева Барно Рауфовна дар мавзӯи “Ҷойгоҳи матбуоти ҳизбӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистони соҳибистиқлол” таълиф шудааст, аз мавзӯи мубрами журналистикаи муосир ба ҳисоб меравад.

Ҳинни таълифи рисола фазилатҳои хоси муаллиф, аз ҷумла лаёқати таҳлил ва тавоноии кор бо сарчашмаҳо ва ҳунари расидан ба хулосаҳои саҳеҳу мантиқӣ падид омад. Баррасии пешинаи таҳлил, муайян кардани ҳадаф ва вазифаҳои муаллиф, усулҳои таҳлилие, ки дар рисола ба кор рафтаанд, инчунин нуктаҳои меҳварие, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки унвонҷу аз миёни маводи зиёд метавонад нуктаҳои асосиро ҷудо кунад ва ба моҳияти аслии масъала ба хубӣ сарфаҳм рафта, ба натиҷаҳои дурусти илмӣ бирасад.

Барои муайян кардани ҷойгоҳи матбуоти ҳизби дар фазои иттилоотии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар фаъолияти журналистӣ унвонҷӯ китобу мақолаҳои зиёдро мавриди омӯзишу истифода қарор дода, таҳқиқи матбуоти ҳизбӣ дар журналистика, омӯзиши таърих ва ташаккули матбуоти ҳизбӣ барои муайян намудани масъалаи умдаи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва марҳилаҳои густариши матбуоти тоҷик, ҳамчунин, пажӯҳиши вазъи маърифатии ҷомеа ва инъикоси он дар рӯзномаҳои ҳизбиро ба таҳқиқ кашидааст.

Дар раванди кор муаллиф ҳадафи асосии худро перомуни заминаҳои пайдоиши матбуоти ҳизбӣ дар Тоҷикистон ва нақши он дар тарвиҷи сиёсати ҳизбӣ ва мавқеи он дар таҷассуми масоили сиёсиву иҷтимоӣ таҳлил намудааст.

Арзиши назарӣ - амалии рисола аз он иборат аст, ки маводи дар ин рисола ҷамъомада аз ҳар ҷиҳат барои тадриси фанни журналистикаи сиёсӣ ва фанҳое, ки марбут ба аҳзоби сиёсӣ ҳастанд, ҳамчун дастур мавриди истифода қарор мегирад. Дар ин рисола бори нахуст оид ба ташаккул ва таҳаввули матбуоти аҳзоби сиёсӣ таҳқиқот анҷом пазируфтааст, ки дар омӯзиши муҳимтарин мавзӯоти журналистӣ қобили омӯзиш қарор хоҳанд гирифт. Рисолаи мазкур барои омӯзиши фанҳои ихтисосӣ, чун таҳқиқоти журналистӣ, журналистикаи иҷтимоӣ, маҳорати журналистӣ, журанлистикаи иқтисодӣ, журналистикаи сиёсӣ, равоншиносии журналистика, фалсафаи журналистика ва чандин фанҳои марбут ба журналистика мавриди омӯзиш қарор хоҳад гирифт. Арзиши амалии рисола боз дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст ин масъала, яъне таҳқиқи матбуоти аҳзоби сиёсӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст, ки барои аксари муҳаққиқони соҳаи журналистика мавриди омӯзиш қарор хоҳад гирифт.

Рисола дар заминаи усулҳои муқоисавӣ-таҳлилӣ ва боистифода аз равиши оморӣ, контент-таҳлил ва мавзӯӣ навишташуда, дар методи таҳқиқи олимони ватаниву хориҷӣ бакор гирифта шудааст.

Нововарии рисола дар он зуҳур ёфтааст, ки нахустин маротиба таърих ва ташаккули матбуоти аҳзоби сиёсӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Илова бар ин, дар рисола муҳимтарин марҳилаи матбуоти аҳзоби сиёсӣ ва мавқеи онҳо дар муҳити журналистика ба хусус матбуоти тоҷик муайян гардидааст. Ҳамчунин дар рисола равшан гардидааст, ки меъёрҳои истифодаи жанрҳои журналистика дар матбуоти ҳизбҳои сиёсӣ дар кадом сатҳанд, омӯхта шудааст.

Муаллифи рисола ба ҳадаф ва вазифаҳое, ки назди худ гузоштааст, ноил гардидааст. Рисола бо сабки хуби илмӣ ба қалам омада, дар он теъдоди зиёди китобу мақолаҳои илмиву соҳавӣ, зиёда аз 200 номгӯ ба кор рафтааст. Моҳияти асосии рисола дар 9 мақола, аз ҷумла 4 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА ФР ва КОА ҶТ нашр

гардида ифода ёфтааст. Мавзӯи тадқиқот дар маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла дар конференсияҳои илмии устодон, олимони ҷавон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров бахшида ба 20-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (14-21 апрели соли 2011), дар конференсияҳои ҳамасолаи илмии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, конференсияи илмӣ-анъанавии ҷумҳуриявии "Мавқеи ҷавонон дар рушди илм" (Хуҷанд, 22-майи соли 2017), конференсияи вилоятии магистрантону олимони ҷавон бахшида ба "Ба ифтихори 20-солагии Ваҳдати миллӣ, Соли 2017-Соли ҷавонон ва 85-солагии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", конференсияи ҷуиҳуриявӣ таҳти унвони "Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон-нерӯи пешбари ҷомеаи муосир" (30-31 январи соли 2019) ва дар рисола ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Бобоева Барно Рауфовна ба унвони илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10. – Журналистика шоиста аст.

доктори илмҳои филология,
вакили МНМО Бобоҷониён Р.М.
Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 42
тел: +992 (327) 221-37-67
E-mail: rano-bobojon@mail.ru

Тасдиқ менамоям:
Муовини мудири шубаи кадри МНМО
«____» _______2020 с Нуруллозода З.

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС